# 105445 - Қатъ кардани дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ аз бемор

**савол**

Ҳуҷайраҳои нафаскашии мағзи сари беморе аз кор мондаанд. Ягон табобате барои ин ҳолат нест ва ӯ аз тариқи дастгоҳе нафас мекашад. Оё қатъ кардани дастгоҳ ҷоиз аст? Бояд қайд кард, ки агар дастгоҳ аз ӯ қатъ карда шавад, нафаскашӣ қатъ мегардаду бемор мемирад.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Агар ҳолат он гуна бошад, ки (дар савол) баён шуд, пас монеъе нест, ки дастгоҳи нафасдиҳӣ аз ӯ қатъ карда шавад, ба шарте ки ду табиб ё бештар ба хулоса оянд, ки ӯ дар ҳукми мурда аст, вале баъд аз қатъ намудани дастгоҳ бояд як чанд муддати муносибе интизор шуд, то марги ӯ исбот гардад". Поёни сухан.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз .. Шайх Абдурраззоқ Афифӣ .. Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмияти ва-л-ифто" (25/82).